# 128159 - Ҳадиси «Барои бародарат ҳафтод узр биҷӯ» то чӣ андоза саҳеҳ аст?

## савол

Ҳадиси **«Барои бародарат ҳафтод узр биҷӯ»** то чӣ андоза саҳеҳ аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ягон асосеро барои ин ҳадис намедонам. Барои мӯъмин машрӯъ аст, ки ҳар гоҳ бародараш ба ӯ узре оварад, ба он эҳтиром гузорад ва агар имкон бошад, узрашро бипазирад ва ба қадри имкон ба ӯ гумони нек бикунад, то дилҳо аз буғзу кина солим бимонанд, калимаи онон ҷамъ бошад ва бар хайру некӣ ҳамкорӣ дошта бошанд.
Аз Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки мефармояд: **«Нисбат ба сухане, ки аз даҳони бародарат баромадааст, бадгумон мабош, дар ҳоле, ки барои он тафсири хубе меёбӣ».**

Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Боз (26/365).